# ГУРЕЗ АЗ ПАДИДАҲОИ НОМАТЛУБИ АСР

Дар охири қарни 20 ва ибтидои қарни 21 инсоният ба хатари ҷиддие мисли ифротгароӣ ва терроризм рӯ ба рӯ шуд, ки ба бақои оламу одам таҳдид мекунад. Албатта, онҳое мегӯянд, ки ифротгароӣ (экстремизм) ва терроризм падидаҳое мебошанд, ки инсониятро дар тамоми даври таърих ҳамроҳӣ менамудааст, беасос нест. Ҳоло касе гуфта наметавонад, ки якумин амалёти террористӣ кай ва дар куҷо сар задааст. Дар аҳди қадим, асрҳои миёна ва давраи нав ҳам одамони алоҳида ва ҳам гурӯҳҳои муташаккили сиёсию мазҳабие буданд, ки ба воситаи тарсонидану даҳшатофаринӣ мехостанд мақсадҳои худро ба дигарон бор кунанд, зимни ин одамони бегуноҳ қурбон мешуданд. Дар таърихи қадим ва асрҳои миёна ҳазорон намунаи амалётҳо сабт шудаанд, ки моҳиятан хусусияти терористӣ доранд.

Дар охири асри гузашта ва ибтидои ҳазораи нав амалҳои ифротгароӣ ва террористӣ бештар характери сиёсӣ гирифт ва доираи амалётҳо васеъ гардид. Бо инкишофи техника ва технологияи нав шаклу намудҳои нави террористӣ ба вуҷуд омаданд, ки аз рӯйи иқтидори харобиоварашон ба як амалёти калони ҷангӣ шабоҳат доранд.

Мусаллам аст, ки дар замони муосир раванди маъмулу машҳуре бо номи ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) ба вуҷуд омадааст, ки барои мо то андозае аз як тараф бояд боиси ифтихор бошад, чунки дар раванди ҷаҳонишавӣ тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ рушд мекунанд ва ин барои мо бе шак манфиатовар аст. Аммо боз паҳлуи дигари манфии ҷаҳонишавӣ ҷой дорад, ки баръакс барои ҳаёти мо инсонҳо хавфу хатари ҷиддиеро ба вуҷуд меоранд, аз ҷумла бавуҷудоии мушкилиҳои ҷаҳонӣ, ки бо номи «мушкилоти ҷаҳонӣ» бештар маъмуланд, ки ба доираи мушкилоти мазкур ифротгароӣ (экстремизм) ва терроризм дар сатҳи аввал қарор доранд.

Ифротгароӣ ва терроризм имрӯз тамоми давлатҳои оламро фаро гирифтааст. Имрӯз терористон амалҳои ифротии худро аксаран вақт дар зери ниқоби ислом содир мекунанд, яъне онҳо худро ҳамчун доҳию рӯҳонии дини мубини ислом нишон дода, ба дини мубини Ислом иснод меоранд. Олимон муайян намуданд, ки дар шароити муосир созмонҳо, гурӯҳҳо ва шахсони рӯҳияи террористӣ дошта фаъолияти худро шиддат бахшида, аз роҳу воситаҳои зиддиинсонӣ бо бераҳмии том истифода мекунанд. Авҷи ифротгароӣ ва терроризм ҷомеаи ҷаҳониро ба хулосае овард, ки бо ин падидаҳо бояд якҷоя мубориза бурд. Имрӯз дар ҳама давлатҳои ҷаҳон баҳри мубориза ба мукобили терроризм конунҳои зиёде қабул намуданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1993 Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» ва соли 2003 Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди ифротгароӣ» қабул шудааст, ки дар онҳо мафҳумҳои асосӣ ва самтҳои асосии мубориза бар зидди ин падидаҳо

муайян шудаанд, ки пурра ба талаботи санадҳои байналхалқӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Боиси таассуф аст, ки ҳамарӯза аз тариқи васоити ахбори омма мешунавем, ки дар ин ё он давлат амали террористие рух додаасту

теъдоди зиёди одамони бегуноҳ, бахусус кӯдакону ҷавонон қурбонӣ шудаанд. Бояд дар ёд дошта бошем, ки ифротгароӣ ва терроризм падидаҳое мебошанд, ки дар ҳама давру замон ба инсонҳо хавфу хатари ҷиддиеро ба миён овардаву меоранд. Барои мубориза бурдан бо ин падидаҳои зишт бетараф будан кори инсоӣ нест. Шояд аксарият гумон кунанд, ки танҳо мубориза бурдан бо падидаҳои мазкур ин салоҳияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ аст, аз як ҷиҳат ин дуруст бошад ҳам, вале мо бояд баҳри дифои ҳуқуқу озодиҳои худ, ба зидди ин падидаҳои зишт бароему худро дар гулгулшукуфоӣ ва амну сулҳи кишвар масъул ҳисобида бетарафиро ихтиёр накунем. Тадқиқотҳо гувоҳанд, ки аксаран вақт нафароне барои содири амалҳои террористӣ ҷалб мегарданд, ки ҷавонанду дорои саводи паст ё ин ки умуман, аз таҳсил дур мондаанд. Аз ин лиҳоз, моро мебояд, пайваста дар пайи омӯзиш ва аз бар кардани донишҳои замонавӣ бошем ва ҳеҷ гоҳ майли ворид шудан ба ин ё он гурӯҳу созмонҳои ифротиро накунем, ки бе шак ин худ як навъ пешгирӣ ва зарбаи сахтест ба ҳадафҳои нопоки афроде, ки ин гурӯҳу созмонҳоро сарпарастӣ ва роҳбарӣ мекунанд. Мо, ҷавонон имрӯз бояд шукргузор аз он бошем, ки дар фазои сулҳу ваҳдат ҳаёти осоишта ба сар мебарем ва меҳнату талоши худро пайваста барои андӯхтан ва аз бар кардани донишҳои замонавӣ равона созем ва ҳеҷгоҳ роҳ надиҳем, ки моро барои ворид шудан ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатхое, ки мақсадашон халалдор намудани фазои сулҳу субот барангехтани кинаю адоват, ифротгароӣ ва терроризм аст, ҷалб намоянд, яъне аз ин падидаҳои номатлуби аср худдорӣ намоем.

Фирӯз Расулов